# Камбизоатии кӯдакон дар Тоҷикистон

Пешнависи ҳуҷҷат аз:

14/5/2018

Ҳуҷҷати мазкур дар натиҷаи талошҳои муштараки Бонки умумиҷаҳонӣ, ЮНИСЕФ ва Агентии омор омода карда шудааст.

# Мундарича

Пешгуфтор ........ 3

Маълумот ва равиши истифодашуда ........ 3

Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ........ 3

Усули арзёбии камбизоатӣ ........ 4

Камбизоатии кӯдакон ........ 6

Натиҷаҳо ........ 7

Маҳдудиятҳои усул ........ 13

Хулоса ва тавсияҳо ........ 14

Замимаи А ........ 16

# Пешгуфтор

Бо вуҷуди афзоиши устувори даромад ва сатҳи зиндагӣ, ки солҳои охир ба даст омадааст, камбизоатии кӯдакон дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам паҳншуда боқӣ мемонад. Мутобиқи таърифи расмии камбизоатӣ, ки аз ҷониби Агентии омор қабул шудааст, ҳиссаи кӯдаконе, ки дар оилаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд аз 38 фоиз дар соли 2013 то 34 фоиз дар соли 2016 коҳиш ёфтааст. Дар доираи ҳуҷҷати мазкур, сатҳи камбизоатии кӯдакон ҳамчун ҳиссаи аҳолии кӯдаки синну соли то 18 сола, ки дар хонаводаҳои бо истеъмоли умумии поёнтар аз ҳудуди миллии камбизоатӣ ба ҳар сари аҳолӣ умр ба сар мебаранд, муайян карда мешавад. Сатҳи камбизоатии шадид дар байни кӯдакон низ ҳамин тавр муайян карда мешавад, аммо мутобиқи ҳаҷми ҳадди ақали хароҷот барои қонеъ намудани талаботи минималии инсон ба маводи озуқаворӣ (2250 калория, дар Тоҷикистон).

Камбизоатӣ дар байни кӯдакон дар муқоиса бо калонсолон дар Тоҷикистон ҳанӯз дар сатҳи баланд боқӣ мемонад, зеро оилаҳои дорои шумораи зиёди фарзандон ба хавфи нисбатан баланди камбизоатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Афзоиши даромад аз ҳисоби шуғл омили нисбатан муҳимми коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ таи солҳои охир эътироф шудааст. Интиқоли маблағҳои пулӣ низ нақши калидиро бозид, аммо раванди баркароршавии даромади умумӣ аз хориҷи кишвар танҳо ба қарибӣ пас аз коҳиши якбора дар солҳои 2015 ва 2016, оғоз гардид. Барномаҳои иҷтимоӣ ва бахусус кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар давоми солҳои 2012-2016 нақши камтарро иҷро намуданд, зеро хароҷоти  зиндагӣ нисбат ба маблағи кӯмакпулиҳо зудтар афзоиш ёфт.

Хонаводаҳои дорои шумораи зиёди кӯдакони камбизоат одатан қисми зиёди буҷети оиларо барои маводҳои озуқаворӣ  сарф мекунанд. Аз сабаби тағйирёбии якбораи мавсимии сатҳи даромад бештари оилаҳо ва кӯдакон дар Тоҷикистон дар давоми зимистон ва аввали баҳор берун аз хатти камбизоатӣ қарор меёбанд. Дар ин давра онҳо ба ҳисоби миёна шумораи нисбатан ками калорияҳои ғизоро низ истеъмол мекунанд. Дар вилояти Хатлон шумораи бештари кӯдакони камбизоат умр ба сар мебарад, дар ҳоле ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) бо сатҳи аз ҳама баланди камбизоатии кӯдакон тавсиф меёбанд. Сатҳи камбизоатӣ дар манотиқи шаҳрии Тоҷикистон бамаротиб поёнтар аст, аммо дар манотиқи деҳот, ки қисми бештари аҳолии кишвар дар онҳо умр ба сар мебарад, сатҳи камбизоатӣ баландтар мебошад.

# Маълумот ва равиши истифодашуда

## Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо

Аз соли 2009 инҷониб, Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) ҳамаи панҷ минтақаи Тоҷикистонро фаро мегирад. Тақсимоти намунаҳо дар минтақаҳо чунин аст:

1. Душанбе – 400 хонавода
2. Суғд – 860 хонавода
3. Хатлон – 900 хонавода
4. ВМКБ – 240 хонавода
5. НТҶ – 600 хонавода

Ба воситаҳои ТБХ се намуди саволномаҳо барои гузаронидани пурсиш дар байни хонаводаҳо дохил мешаванд:

1. Дафтари қайди даромад ва хароҷоти хонавода, ки дар маҷаллаи моҳона нашр мегардад.
2. Саволномаи семоҳа дар бораи таъминоти хонавода ва истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ, хӯроки чорво ва сӯзишворӣ.
3. Саволномаи солонаи хонавода.

## Усули арзёбии камбизоатӣ

Усули расмии арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 2015 аз ҷониби Шӯрои Тоҷикистон оид ба масоили арзёбии сатҳи камбизоатӣ ва синфи миёна (Шӯро оид ба масоили камбизоатӣ) тасдиқ  гардид. Он замон Агентии миллии омори Тоҷикистон (Агентии омор) ба гузаронидани силсилаи нави арзёбиҳои расмии миллии камбизоатӣ ва омода намудани ҳуҷҷати методологӣ оғоз намуд. Усули мазкур бо мақсади мониторинги некӯаҳволии аҳолӣ, аз он ҷумла сатҳи камбизоатӣ ва андозаи синфи миёна дар Статегияи миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Стратегияи дарозмуддати миллии рушд барои солҳои 2016-2030 истифода мешавад.

Нишондиҳандаи умумии некӯаҳволӣ барои ТБХ ҳамчун маҷмӯи маҳсулоти озуқаворӣ барои истеъмоли шахсӣ (дар шакли харид, маҳсулоти истеҳсолшуда, тӯҳфаҳо ё захираҳо) ва хароҷот барои маҳсулоти ғайриозуқа (ба ғайр аз онҳое, ки ҳамчун тӯҳфа дода шудаанд, ва бо даназардошти онҳое, ки дар шакли тӯҳфа қабул карда шудаанд), муайян карда мешавад. Аз сабаби набудани маълумоти муносиб, хароҷоти манзил ва маҳсулоти алоҳидаи муҳлаташон дарозмуддат ба нишондиҳандаи умумии некӯаҳволӣ дохил карда нашудаанд. Нишондиҳандаии умумии истеъмол мутобиқи Индекси замонии нархҳои истеъмолӣ (ИНИ) ҷиҳати аз байн бурдани тафовут дар сатҳи нархҳо дар семоҳаҳои мухталифи сол иловатан тасҳеҳ карда шуд. Нишондиҳандаи умумии истеъмол низ мутобиқи индекси макониии нархҳои истеъмолӣ бо мақсади бартараф намудани фарқият дар сатҳи нархҳо дар ноҳияҳои мухталифи географӣ ва бо дарназардошти ҳаҷми

хонаводаҳо, тасҳеҳ карда шуд. ИНИ-и умумии семоҳаи сатҳи миллӣ барои тасҳеҳоти замонӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Индекси нархҳои умумии Пааше дар асоси рақамҳои ҷудогонаи хароҷоти бақайдгирифташудаи маҳсулоти озуқаворӣ ва маҳсулоти алоҳидаи ғайриозуқа дар доираи ТБХ барои таҳсеҳоти макони истифода шуд. Ҳамин тавр, нишондиҳандаи некӯаҳволиро метавон аз рӯи формулаи зерин муайян намуд:

Барои ҳар як *фард* нишондиҳандаи некӯаҳволӣ ҳамчун таносуб байни ҳаҷми номиналии истеъмоли хонавода ва маҳсули се омилҳое, ки барои тасҳеҳ бо назардошти нишондиҳандаҳои зерин заруранд, муайян карда мешавад: i) тафовут дар талабот аз сабаби ҳаҷми гуногуни хонаводаҳо, ii) таваррум ва iii) тафовут дар хароҷоти зиндагӣ байни минтақаҳои географии гуногун.

Ҳудуди камбизоатии мутлақ барои ТБХ бо истифодаи усули баҳисобгирии арзиши ниёзҳои асосӣ (АНА) муайян карда мешавад. Ба он ҳудуди камбизоатии шадид, ки дар арзиши хариди шумораи минималии калорияҳо ба ҳар сари аҳоли асос ёфтааст, илова карда мешавад.  Ҳудуди камбизоатии умумӣ аз суммаи ду бахш иборат аст: ҳудуди камбизоатии ғизоӣ ва кӯмакпулӣ барои хароҷоти ғайриозуқа. Барои ҳисоби ҳудуди камбизоатии ғизоӣ талаботи килокалорияи миёна (ТКМ) 2,250 килокалория дар як шабонарӯз барои ҳар нафар муқаррар карда шуд. Ҳисоби арзиши ҳадди ақали як килокалория тавассути интихоби се даҳяки поёнии истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳудуди аз 3 то 26 ҳамчун “гурӯҳи эталонӣ”, гузаронида мешавад.

Барои ҳисоби ҳудуди умумии камбизоатӣ хонаводаҳое муайян шудаанд, ки барои онҳо истеъмоли воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ наздик ба ҳудуди камбизоатии ғизоӣ мебошад (тақрибан 5% андозаи он) ва нишондиҳандаи миёнаи истеъмоли ғизо аз ҷониби онҳо ҳисоб карда шуд. Сипас ҳудуди умумии камбизоатӣ ҳамчун ҳудуди камбизоатии ғизоӣ бо нишондиҳандаи миёнаи истеъмоли ғизо тақсимшуда ҳисоб карда шуд.

Дар давраи ибтидоӣ ҳудуди камбизоатӣ дар сатҳи 147 сомонӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ бо назардошти таваррум муқаррар карда шуд, аммо дар соли 2016 он дар сатҳи 178 сомонӣ қарор дошт. Сатҳи камбизоатӣ ҳамчун ҳиссаи аҳолӣ бо истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ берун аз ҳудуди камбизоатӣ муайян карда мешавад. Бо истифода аз ин таъриф мувофиқи ҳисобҳои расмӣ сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 34,1 фоиз дар соли 2013 то 30,3 фоиз дар соли 2016 коҳиш ёфт. Аз рӯи нишондиҳандаи ҳайати хонаводаҳо ҳиссаи

кӯдаконеро, ки дар хонаводаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд, низ метавон ҳисоб кард. Нишондиҳандаи мазкур дар поён ба таври муфассал шарҳ дода шудааст.

## Камбизоатии кӯдакон

Арзёбии камбизоатии кӯдакон иқдоми муҳим дар самти таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва чорабиниҳои барномавие, ки ба кӯдакон нигаронида шудаанд, маҳсуб меёбад. Барои чӣ Ҳукуматҳо бояд ба арзёбии кӯдак диққати аввалинидараҷа диҳанд? Маълумот аз таҷрибаи ҷаҳонӣ далелҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- Кӯдакон на ҳама вақт дар маркази диққат қарор доранд. Тақсимот аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ барои ҷамъоварии маълумот, таҳия ва амалисозии сиёсат принсипи асосӣ ҳисоб намеёбад. Агар кӯдакони аз ҳама осебпазир мавриди пайгирӣ қарор дода нашаванд ба онҳо нигаронидани қарорҳои сиёсие, ки аз ҷониби шахсони масъул қабул мегарданд, имконнопазир хоҳад буд. Аз ин рӯ, арзёбии камбизоатии кӯдакон дар таҳия ва татбиқи сиёсати ба кӯдакон нигаронидашуда ё ҳассос ба ниёзҳои кӯдакон ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи асосии гуруҳҳои аз ҳама осебпазири кӯдакон, ба шахсони масъули қабули қарор кӯмак мерасонад.
- Камбизоатӣ бо роҳҳои мухталиф ба кӯдакон ва калонсолон таъсири худро мерасонад. Кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд ба хатари бештари истеъмоли ғизои нокифоя мувоҷеҳ шуда, метавонанд имкониятҳои асосии таҳсил, инчунин инкишофи ҷисмонӣ, ақлӣ ва иҷтимоиро аз даст диҳанд. Чунин паёмадҳо аксари вақт дорои хусусияти доимӣ мебошанд. Камбизоатии кӯдакон ба зуҳур ёфтани камбизоатие, ки аз як насл ба насли дигар мегузарад, мусоидат мекунад.
- Тибқи илм дар бораи инкишофи кӯдак ҳатто маҳрумиятҳои муваққатие, ки кӯдакон аз сари худ гузарониданд, метавонанд ба имкониятҳои ояндаи онҳо ва дар навбати худ ба дурнамои рушди миллат таъсири ногузир расонанд.
- Тадқиқотҳои чандинкарата нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ ба кӯдак ҳатто бо хароҷоти ками молиявӣ дар овони кӯдакӣ метавонад на танҳо барои тамоми зиндагии шахсони алоҳида, балки барои ҷамъият ва иқтисодиёт фоида оварад.
- Ин марҳилаи муҳим барои сармоягузорӣ ба кӯдакон дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Кишвар дорои гуруҳҳои калони кӯдакон, наврасон ва ҷавонон мебошад, ки дар навбати худ аз нишондиҳандаҳои баланди таваллуд шаҳодат медиҳад. Синну соли миёнаи аҳолӣ дар кишвар 25 солро ташкил медиҳад, 40% аҳолӣ бошад аз шахсони синни то 18 сола иборат аст. Бо дарназардошти он, ки тақрибан 30% аҳолӣ берун аз ҳудуди миллии камбизоатӣ дар соли 2016 қарор доштанд ва дар манотиқи

деҳот нишондиҳандаҳои камбизоатӣ нисбат ба манотиқи шаҳр бамаротиб баландтар мебошанд, ҳамасола шумораи зиёди кӯдакон ба гуруҳи камбизоатҳо дохил мешаванд. Таъсиси низомҳои дахлдор ҷиҳати озод намудани кӯдакон аз панҷаи камбизоатӣ дар баробари кам кардани хавфи афтодан ба доми камбизоатӣ барои кӯдакони дигар барои кишвар дар оянда натиҷаҳои назаррас хоҳад овард.

- Арзёбӣ ва ҳалли мушкилии камбизоатии кӯдакон ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар бораи дастёбӣ ба Ҳадафи 1 дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор маълумот диҳад ва ба Ҳукумат дар иҷрои уҳдадориҳои худ дар робита бо Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак кӯмак мерасонад.

## Натиҷаҳо

Дар байни нишондиҳандаҳои камбизоатии умумӣ ва кӯдакон дар Тоҷикистон фарқияти назарраси ҷуғрофӣ вуҷуд дорад ва манотиқи деҳот бо сатҳи нисбатан баланди камбизоатӣ нисбат ба шаҳр тавсиф меёбанд. Шаҳри Душанбе дорои нишондиҳандаҳои пасттарини камбизоатӣ буда, дар он ҳиссаи кӯдаконе, ки дар оилаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд хеле хурд мебошад. Сатҳи аз ҳама баланди камбизоатии кӯдакон дар НТҶ ба назар мерасад, аммо аз сабаби фоизи баланди кӯдакон дар байни аҳолӣ шумораи аз ҳама зиёди кӯдакони камбизоат дар вилояти Хатлон умр ба сар мебарад.

**Расми 1: Сатҳи камбизоатии мутлақ дар байни кӯдакон дар минтақаҳо**




**Расми 2: Шумораи кӯдакони комилан камбизоат дар минтақаҳо (2016)**




**Расми 3: Сатҳи камбизоатии шадид дар байни кӯдакон дар минтақаҳо**




**Расми 4: Шумораи кӯдаконе, ки дар шароити камбизоатии шадид дар минтақаҳо умр ба сар мебаранд (2016)**




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

Нишондиҳандаҳои расмии сатҳи камбизоатӣ вобаста ба андозаи хонаводаҳо мутаносибан меафзоянд. Ин қисман робитаи механикиро инъикос мекунад, зеро буҷети оила дар байни шумораи бештари аъзои оила дар хонаводаҳои нисбатан калон тақсим мешавад, ва инчунин аз ҳиссаи нисбатан калони хароҷот барои қонеъ намудани талаботи асосии хонаводаҳои дорои шумораи зиёди кӯдакон шаҳодат медиҳад. Сатҳи расмии камбизоатӣ дар байни хонаводаҳое, ки фарзанд надоранд танҳо 16 фоизро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки зиёда аз нисфи хонаводаҳои дорои шаш ё бештар кӯдак дар шароити камбизоатӣ умр ба сар мебаранд. Робитаи мазкур дар манотиқи деҳот, ки дар онҳо сатҳи камбизоатӣ баландтар буда, ҳаҷми хонаводаҳои ба ҳисоби миёна калонтар аст, баръало дида мешавад. Ҳангоми ҳисоби сатҳи камбизоатӣ бо истифода аз ҳамон усул соли 2016 он дар байни кӯдакон нисбат ба аҳолии калонсол тақрибан ба 4 фоиз болотар буд.

**Расми 5: Сатҳи умумии камбизоатӣ аз рӯи ҳаҷми хонаводаҳо (2016)**




**Расми 6: Нишондиҳандаҳои умумии камбизоатӣ аз рӯи шумораи кӯдакон (2016)**




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

Камбизоатӣ дар Тоҷикистон дорои хусусияти мавсимӣ мебошад. Дар мавсими камдаромад сатҳи камбизоатӣ нисбат ба мавсими ҷамъоварии ҳосил ҳашт фоиз баландтар аст. Шумораи кӯдакони камбизоат аз 0.6 млн. нафар кӯдак дар семоҳаи сеюми сол то 1.1 млн. нафар дар семоҳаи якум тағйир меёбад. Дар соли 2016 шумораи миёнаи солонаи кӯдакони камбизоат тақрибан 0,9 млн. нафарро ташкил дод. Хусусияти мавсимии камбизоатӣ аз осебпазирии калони хонаводаҳо ва хусусан оилаҳои дорои шумораи зиёди кӯдакон шаҳодат медиҳад ва нотавонии оилаҳоро ҷиҳати муқовимат дар баробари таконҳои мавсимӣ нишон медиҳад.

**Расми 7: Муқоисаи нишондиҳандаҳои камбизоатӣ дар байни калонсолон ва кӯдакон**




**Расми 8: Шумораи кӯдакони камбизоат ва калонсолон аз рӯи семоҳаҳо (2016)**




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

Тақрибан 58 фоизи кӯдакон дар хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ҳадди ақал дар давоми як семоҳаи сол ба камбизоатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ҳоле ки 46 фоизи кӯдакон мунтазам гирифтори камбизоатӣ шуда, аз он раҳо мешаванд, тақрибан 13 фоизи онҳо дар давоми сол камбизоат боқӣ мемонанд. Шумораи онҳо зиёда аз 355 ҳазор нафар кӯдакро ташкил медиҳад, ки дар хонаводаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд.

**Расми 9: Ҳиссаи кӯдакони камбизоат аз рӯи семоҳаҳо**

**Расми 10: Шумораи кӯдакон аз рӯи вазъи камбизоатӣ дар семоҳаҳо**







*Источник: Расчеты персонала на основе данных ОБДХ в Таджикистане*

Хусусияти мавсимии камбизоатӣ ба аҳамияти калон доштани воситаҳои зиндагии кишоварзӣ ва даромад аз ҳисоби интиқоли маблағҳои пулӣ ишора мекунад. Фарқият байни нишондиҳандаҳои камбизоатии кӯдакон дар манотиқи шаҳр ва деҳот тақрибан 10 фоизро ташкил медиҳад, аммо азбаски аҳолии деҳоти Тоҷикистон тақрибан ба 72% мерасад, тафовут дар шумораи умумии кӯдакони камбизоат ҳатто бештар назаррас мебошад: дар манотиқи шаҳр шумораи кӯдакони камбизоат аз 135 то 177 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар манотиқи деҳот шумораи онҳо аз 514 то 949 ҳазор нафар мебошад.

**Расми 11: Камбизоатӣ дар байни кӯдакон дар манотиқи шаҳр ва деҳот**




**Расми 12: Шумораи кӯдакон камбизоат дар манотиқи шарҳ ва деҳот аз рӯи семоҳаҳо (2016)**




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

Дар нишондиҳандаҳои камбизоатӣ байни гурӯҳҳои кӯдакони синну соли хурд (дар синни 0-6 сола) ва синну соли наврасӣ (7-15 сола) тафовути хурд вуҷуд дорад. Мавҷуд будани кӯдак дар оила бо дараҷаи нисбатан баланди паҳншавии камбизоатӣ новобаста аз синну соли кӯдак алоқамандӣ дорад, дар ҳоле ки эҳтимолияти нисбатан камтари камбизоат будани оилаҳои дорои кӯдакони синну соли калон вуҷуд дорад.

**Расми 13: Нишондиҳандаҳои камбизоатӣ байни гуруҳҳои кӯдакони синну соли хурд ва калон**




**Расми 14: Шумораи кӯдакони камбизоат аз рӯи категорияҳои синну сол (2016)**




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

Бо назардошти маҳдуд будани буҷет, хонаводаҳои камбизоат хароҷоти умумии худро барои эҳтиёҷоти асосӣ ва махсусан барои ғизо равона мекунанд. Ҳамин тавр, хонаводаҳои камбизоат аксар вақт ба дигар хароҷоти ғайриозуқа, аз қабили маориф ва тандурустӣ, маблағи кам сарф мекунанд. Ба ҳамин монанд, хонаводаҳои бо шумораи зиёди фарзанд ба ҳар як кӯдак камтар маблағ сарф мекунанд ва ҳиссаи бештари буҷети худро барои ғизо харҷ мекунанд. Чунин алоқамандӣ дар хонаводаҳои дорои ду ё зиёдтар фарзанд махсусан дида мешавад. Дар натиҷа, оилаҳои дорои шумораи бештари фарзанд барои рушди сармояи инсонӣ ё дигар эҳтиёҷҳои асосӣ, аз қабили тандурустӣ ва таъмини шароитҳои муносиби зиндагӣ камтар захира доранд. Коҳишёбии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар марҳилаҳои аввали давраи ҳаёт дар ниҳоят метавонад боиси он гардад, ки сатҳи даромади аҳолӣ паст рафта, хавфи боқӣ мондан дар вазъи камбизоатӣ дар марҳилаҳои охири ҳаёт боло равад.

**Расми 15: Ҳиссаи миёнаи истеъмоли озуқаворӣ мутобиқи шумораи кӯдакон (2016)**

**Расми 16: Нишондиҳандаи миёнаи хароҷоти умумии истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ мутобиқи шумораи кӯдакон (2016)**







*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон*

## Маҳдудиятҳои усул

Ҳисоби нишондиҳандаҳои камбизоатӣ, ки дар ин ҳуҷҷат тавсиф шудааст, дар робита бо сохтори ТБХ аз якчанд ҷиҳат маҳдуд мебошад. Методологияи пешниҳодшуда дар ТБХ худи хонавода ва на аъзои алоҳидаи онро, тавре дар доираи дигар тадқиқотҳо оид ба арзёбии сатҳи зинагӣ ва маҳрумиятҳои кӯдакон қабул шудааст, ҳамчун воҳиди таҳлил эътироф мекунад. Маълумоти дастрас имкон намедиҳанд, ки нобаробарӣ дар истеъмол дар доираи хонавода мавриди арзёбӣ қарор дода шавад. Масалан, агар кӯдакон камтар аз аъзои миёнаи хонавода истеъмол кунанд, дар алоҳидагӣ онҳо метавонанд ба осонӣ берун аз ҳудуди камбизоатӣ қарор ёбанд, бо вуҷуди он ки онҳо дар оилае умр ба сар мебаранд, ки аз рӯи ҳисоб ба ҳар сарӣ аҳолӣ камбизоат намебошад. Дар муқоиса бо кӯдакон ҳиссаи бузурги хароҷот метавонад ба калонсолон равона гардад, ё баръакс. Дар сурати ҷой доштани табъиз (дискриминатсия) он метавонад боиси тақсимоти нобаробари даромад байни калонсолон ва кӯдакон ё духтарон ва писарбаччагон гардад. Чунин ҳолат метавонад дар хонаводаҳои миёнаҳол ба миён ояд ва агар қарорҳои калонсолон на ба манфиати кӯдакон қабул шаванд, онҳо метавонанд ба маҳрумият рӯ ба рӯ шавад. Аз ин рӯ, истифодаи хонавода ҳамчун воҳиди таҳлил имкон намедиҳад, ки вазъи кӯдакон аз нуқтаи назари камбизоатӣ ба пуррагӣ шарҳ дода шавад. Дар натиҷа, баръакси маълумоти дар таҳлили мазкур пешниҳодшуда, шумораи бештари кӯдакон метавонад камбизоат бошад.

Ғайр аз ин ТБХ ба арзёбии ҷанбаҳои пулии камбизоатӣ диққати бештар медиҳад. Аз нуқтаи назари ҷузъҳои мухталифи камбизоатӣ, кӯдакон метавонанд ба маҳрумиятҳои зиёд ва бо ҳамдигар алоқаманд илова бар маҳрумияти пулӣ, рӯ ба рӯ гарданд. Масалан,

мушкилиҳои алоқаманд бо дастрасӣ ба хизматрасониҳои муносиб дар соҳаи маориф, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва санитария метавонанд ба некуаҳволии онҳо таъсири манфӣ расонанд. Тибқи аксарияти арзёбиҳои расмӣ дар Тоҷикистон шумораи кӯдаконе, ки зери таъсири камбизоатии гуногунҷанба қарор доранд аз шумораи кӯдаконе, ки камбизоат шинохта шудаанд, танҳо бо такя ба маҳрумияти пулӣ, бамаротиб зиёдтар мебошад.

## Хулоса ва тавсияҳо

ТБХ ба мақомоти давлатӣ имконияти нодири арзёбии сатҳи камбизоатии кӯдакон дар Тоҷикистонро фароҳам меоварад. Нишондиҳандаҳои пулӣ, ки дар доираи ТБХ ба даст омаданд аз маълумоти муҳим дар бораи маҳдудиятҳои молиявӣ, ки бо онҳо кӯдакон ва оилаҳо ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳои кӯдак ва дар рафти расидан ба ҳадафи Ҳукумат оид ба решакан намудани камбизоатӣ рӯ ба рӯ мешаванд, иборатанд. Аксар вақт, кӯдаконе, ки дар шароити камбизоатии пулӣ умр ба сар мебаранд, ҳуқуқҳои онҳо ба хӯрокворӣ ва ғизо, манзили бехатар, хизматрасонии тиббӣ ё муҳофизат аз меҳнати кӯдакон, зери хавф қарор мемонанд. Арзёбии мунтазами ҷузъи пулии камбизоатӣ ба шахсони мансабдор имкон медиҳад, ки вазъиятро беҳтар назорат кунанд ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти кӯдакони камбизоат тадбирҳои сиёсӣ андешанд.

Самти калидӣ барои таҳқиқу омӯзиш дар оянда пешниҳоди кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ (КСИ) дар шакли кӯмакпулӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ба ҳисоб меравад. Айни замон кӯмакпулиҳое, ки дар доираи КСИ барои тамоми оила ҷудо мегарданд, метавонанд ба паст кардани сатҳи камбизоатии кӯдакон таъсири назаррас расонанд, ба шарте, ки агар кӯмакпулиҳо бо назардошти ҳар як аъзои оила (дар назар дошта шудааст, ки маблағҳои нисбатан калон ба оилаҳои калони дорои шумораи зиёди фарзанд пардохт карда мешаванд) пардохт карда шаванд. Дар солҳои охир ҳаҷми кӯмакпулиҳо бо дар назардошти хароҷоти зиндагӣ зиёд нашудааст (тасҳеҳе, ки баръакс бо мақсади ҳисоби камбизоатии кӯдакон анҷом дода мешавад). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо мурури замон кӯмакпулиҳо самаранокии худро, ки ба коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст, аз даст медиҳанд. Маблағҳои нисбатан калонҳаҷми кӯмакпулиҳо, ки бо назардошти хароҷоти умумии зиндагӣ индексатсия мешаванд, аз лиҳози паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири бештар хоҳанд дошт.

Ҷузъи пулии камбизатӣ ҷанбаи муҳимми камбизоатӣ дар байни кӯдакон маҳсуб меёбад, аммо он ягона нест. Арзёбиҳои гуногун ҷанба имкон медиҳанд, ки то кадом дараҷа дастрасии маҳдуд ба таҳсил, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва санитария, таъмини муҳофизат ва манзили муносиб метавонад ба некӯаҳволии кӯдакон таъсири манфӣ расонад, муайян карда шавад. Ҳам нишондиҳандаҳои пулӣ ва ҳам ғайрипулиро метавон барои шарҳи нисбатан аниқи камбизоатии кӯдакон ҳисоб ва таҳлил намуд. Нишондиҳандаҳои

Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳам ҷанбаҳои пулӣ ва ҳам дигар ҷанбаҳои муайян намудани камбизоатиро фаро мегиранд.

Бо вуҷуди ин, пурсишномаи ТБХ имкон намедиҳад, ки арзёбии пурра ва гуногунҷанбаи камбизоатӣ гузаронида шавад. Бо мақсади мувофиқ намудани ТБХ ба талаботи сиёсат, аз он ҷумла ҲРУ, мониторинги гуногунҷанба ва таҳлили камбизоатӣ Агентии омор дар ҷараёни таҷдиди он қарор дорад. Дар баробари ин, дигар тадқиқотҳое, ки аз ҷониби шарикони рушд гузаронида шудаанд, ба монанди «Шунидани Тоҷикистон», Тадқиқот дар соҳаи демография ва тандурустӣ (ТДТ), Тадқиқот оид ба мушкилиии норасоии микроэлементҳои ғизоӣ, Тадқиқот дар соҳаи обтаъминкунӣ, санитария ва беҳдошт, Низоми мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғайра, имкон медиҳанд, ки маҳрумиятҳои иловагии ғайрипулии кӯдакон мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ташкилотҳои расмиии дорои ваколат барои гузаронидани тадқиқотҳо, мониторинги некӯаҳволии кӯдаконро гузаронида, натиҷаҳои ТБХ ва дигар тадқиқотҳои дахлдорро таҳлил намоянд.

# Замимаи А

Ҷадвали 1: Нишондиҳандаҳои ҳудуди камбизоатии шадид ва камбизоатии умумӣ аз рӯи семоҳаҳо (бо сомонӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ)

| | Ҳудуди камбизоатии шадид (танҳо маҳсулоти озуқаворӣ) | Ҳудуди камбизоатӣ (маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқа) |
|---|---|---|
| 2012 семоҳаи 2 – 2013 семоҳаи 1 | 110.19 | 142.84 |
| 2012 семоҳаи 3 - 2013 семоҳаи 2 | 114.27 | 146.77 |
| 2012 семоҳаи 4 - 2013 семоҳаи 3 | 115.50 | 148.34 |
| 2013 семоҳаи 1 - 2013 семоҳаи 4 | 116.46 | 149.58 |
| 2013 семоҳаи 2 - 2014 семоҳаи 1 | 117.64 | 151.10 |
| 2013 семоҳаи 3 – 2014 семоҳаи 2 | 119.50 | 153.48 |
| 2013 семоҳаи 4 – 2014 семоҳаи 3 | 121.46 | 156.00 |
| 2014 семоҳаи 1 – 2014 семоҳаи 4 | 123.57 | 158.71 |
| 2014 семоҳаи 2 – 2015 семоҳаи 1 | 125.63 | 161.35 |
| 2014 семоҳаи 3 – 2015 семоҳаи 2 | 127.33 | 163.54 |
| 2014 семоҳаи 4 – 2015 семоҳаи 3 | 128.96 | 165.63 |
| 2015 семоҳаи 1 – 2015 семоҳаи 4 | 130.62 | 167.76 |
| 2015 семоҳаи 2 – 2016 семоҳаи 1 | 132.56 | 170.25 |
| 2015 семоҳаи 3 – 2016 семоҳаи 2 | 134.34 | 172.54 |
| 2015 семоҳаи 4 – 2016 семоҳаи 3 | 136.41 | 175.20 |
| 2016 семоҳаи 1 – 2016 семоҳаи 4 | 138.45 | 177.82 |
| 2016 семоҳаи 2 – 2017 семоҳаи 1 | 140.53 | 180.49 |
| 2016 семоҳаи 3 – 2017 семоҳаи 2 | 143.47 | 184.27 |
| 2016 семоҳаи 4 – 2017 семоҳаи 3 | 146.16 | 187.72 |

*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси маълумоти ТБХ дар Тоҷикистон. Соли заминавӣ бо ранги сабз нишон дода шудааст.*